“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________
«_18_» ___12___ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсияи докторӣ дар мавзуи “Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)”, ки дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Унвонҷӯ-докторант Муминзода Абдукарим (Муминов Абдукарим Бегович), соли таваллудаш 14.01.1972, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000 ихтисоси «Андоз ва андозбандӣ»-и Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) - ро хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Муминов Абдукарим Бегович бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30.03.2020с, №9/4.13 тасдиқ карда шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов А.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 2001 то ҳол Муминзода Абдукарим дар вазифаҳои гуногун кор ва фаъолият кардааст. Солҳои 2001-2004 дар вазифаи муовини сардори қисми хоҷагии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият кардааст. Солҳои 2004-2005 дар вазифаи танзимгари факултети ғоибонаи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст. Номбурда 2005-2006 методисти калони факултети ғоибонаи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият кардааст. Муминзода Абдукарим 2006-2009 ёвари ноиби ректор оид ба таълими Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст. Солҳои 2009-2010 Муминзода Абдукарим ҳамчун

ҷонишини декани факултети иқтисоди ҷаҳон ва инфрасохтори бозори Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият кардааст. Солҳои 2010-2011 дар вазифаи ассистенти кафедраи нархмуайянкунӣ ва суғуртаи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст. Солҳои 2012-2016 Муминзода Абдукарим ба ҳайси мудири кафедраи фаъолияти биржавӣ ва коғазҳои қиматноки факултети молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст. Солҳои 2016-2018 дар вазифаи мудири кафедраи фаъолияти биржавии факултети молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст. Аз моҳи майи соли 2018 то 2023 дар вазифаи мудири кафедраи фаъолияти гумрукии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият кардааст.
Аз 1-уми сентябри соли 2023 то инҷониб дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Муминзода Абдукарим соли 2012 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Формирование и развитие рыночного механизма ценообразования в системе страховых услуг (на материалах Республики Таджикистан)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисод) дар шурои диссертатсионии К 737.009.01 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бомувафаққият ҳимоя намуда, соҳиби дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ гардид.

Ба Муминзода Абдукарим бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2024 № 12 унвони дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт» дода шудааст, (рақами қайди шаҳодатномаи дотсенти № 0789).

Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризони зерин тақризи мусбат дода шудааст:

Хайрзода Ш.Қ. - д.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

Раҷабов Р.К. - д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

Кошонова М.Р. - д.и.и., профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар ҷаласаи васеи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 17-уми

декабри соли 2024 №5 муҳокима шудааст. Ба диссертатсия тақризҳои мусбат дода шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи докторӣ дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)", чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)", ба масъалаҳои муҳимми муосири илми иқтисодӣ бахшида шуда, ҳамзамон бо забони илмӣ омода гардида, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Инчунин мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи илмии иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар ҷодаи баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ "пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи қоғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо" яке аз самтҳои асосии фаъолият пешбинӣ карда шудааст. Суғурта пайваста бо гузариши мамлакат ба зинаи иқтисоди бозории рушдёбанда тадриҷан, на танҳо ба яке аз агентҳои бонуфузи бозори молияви, балки ниҳоди иқтисодии муҳим табдил ёфта истодааст.

Суғурта бо вазъи макроиқтисодии кишвар зич алоқаманд аст. Агар иқтисодиёт устувор бошад, суғурта рушд мекунад, ва агар буҳрон бошад, бозори суғурта низ дучори мушкилот мегардад. Ҳамчунин, суғурта ҳамчун низоми институтҳо, яъне ташкилотҳо ва қоидаҳое баррасӣ мешавад, ки муносибатҳои суғуртавиро танзим мекунанд. Суғурта қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт мебошад (ҳамешагӣ), ки ҳамеша барои ҳифзи хавфҳои эҳтимолӣ зарур аст. Новобаста аз тағйироти иқтисодӣ, он фаъолияти худро идома медиҳад, зеро талабот ба суғурта ҳамеша боқӣ мемонад. Илова бар ин, суғурта аҳамияти худро дар ҳама гуна шароит нигоҳ медорад ва ба шароити нав мутобиқ мешавад. Ғайр аз ин, суғурта, ҳамчун дигар ниҳодҳои иқтисодӣ, хусусиятҳои институтсионалии хоси худро дорад, ки онро беназир мегардонанд, аммо он ҳамзамон ба қонунҳои умумии иқтисодӣ итоат мекунад. Суғурта як низоми устувор мебошад, ки дар тӯли асрҳо нигоҳ

дошта шудааст, новобаста аз тағйироти ҷомеа ва иқтисодиёт. Он дар ҳар як кишвар вуҷуд дорад, сарфи назар аз сохтори иқтисодии он. Ҳатто дар шароити бӯҳронӣ ва мушкилоти иқтисодӣ соҳаи суғурта фаъолияти худро идома медиҳад ва ба беҳбудии аҳолӣ саҳм мегузорад. Аммо, бо гузариши кишвар ба марҳилаи нави рушд, бозори суғуртаи дохилӣ бо чанд камбудӣ рӯ ба рӯ буда, ҳанӯз аз индикаторҳое, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи иқтисодиёт ва бозори рушдёбанда мутобиқанд, фосила дорад. Дар Тоҷикистон тайи даҳсолаи охир шаклҳои гуногуни суғурта рушд ёфта, ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ ва хусусӣ таъсис ёфтанд.

Диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод гардидааст, ба шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ ва давлатӣ**. Мавзуи диссертатсия бо бандҳои дахлдори барномаи давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", ки дар ҷодаи баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ "пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи қоғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо" яке аз самтҳои асосии фаъолият пешбинӣ карда шудааст, мутобиқат дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади диссертатсия коркарди асосҳои назариявию амалии механизмҳои дастгирии институтсионалӣ барои танзими фаъолияти суғурта дар марҳалаи рушди босуръати иқтисодиёти мамлакат, ки ба ҷалби сармоя ва гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда қарор дораду ба навсозии системаи танзимгарони молиявӣ нигаронида шудааст, мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерини илмӣ ба миён гузошта шудаанд:

- муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи институти суғурта дар сохтори институтсионалии иқтисодиёт ва асоснок намудани зарурати татбиқи методологияи иқтисодиёти институтсионалӣ барои омӯзиши таъминоти институтсионалии системаи танзими фаъолияти суғурта;

- тавсиф намудани Сохтори институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ

- таҳқиқи институтҳои танзим ва худтанзими фаъолияти суғуртаӣ ва алоқамандии онҳо;

- омӯзиши асосҳои метологиву методии арзёбии самаранокии танзими давлатии бозори суғурта;

- таҳқиқи масаълаҳои таъминоти инфрасохторӣ ва иттилоотии танзими давлатии фаъолияти суғурта (ҷанбаҳои назариявии арзёбии рейтинги ширкатҳои суғурта);

- таҳлили вазъи кунунии рушди фаъолияти суғурта, -Мрзёбии вазъи фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғурта, инчунин таҳлили талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳои суғурта ва омилҳо

ба онҳо таъсирбахш;

- омӯзиши сатҳи таъмини институтсионалии воситаҳои иқтисодии танзим дар бозори суғурта ва арзёбии ҳолати технологияи институтсионалии танзими сугурта ва самаранокии он

- муайян намудани хусусиятҳои институтсионалии рақобати субъектҳои бозори суғурта ва самаранокии он

- коркарди тавсияҳо дар самти такмили механизмҳои кумаки давлат дар ташаккул ва рушди рақобати муассир дар бозори суғурта

- коркарди асосҳои консептуалӣ ва самтҳои асосии сохтани моделҳои муосири танзими фаъолияти суғурта.

**Объекти таҳқиқотро** бахши суғуртавии иқтисодиёт, ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва баромад мекунанд, ки дар раванди таъмини институсионалии танзими давлатии фаъолияти ташкилоти суғурта ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз исбот намудани накши калидӣ ва афзояндаи таъминоти институсионалии механизмҳои танзими давлативу бозории фаъолияти ташкилотҳои суғурта, системаи институтҳо, ки комбинатсияи танзими давлативу бозории рушди фаъолияти суғуртаро дар шароити бозори рушдёбанда, ки сифатӣи асосии онро рушди бозори хизматрасониҳо молиявӣ ташкил медиҳад, мебошад. Дар марҳилаи нави рушди мамлакат барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодии субъектҳои бахши суғуртаи иқтисодиёт, пеш аз ҳама фаъолияти сармоягузории онҳо, зарурати мукаммалнардонии сохтори институтсионалии ин бахш ва коркарди институтҳо, ки комбинатсияи институтҳои танзими давлатиро барои бартараф намудани ҳодисоти “фиаскои бозори суғурта” ва институтҳои худтанизми бозорӣ, ки ҳодисоти “фиаскои дахолати давлатиро”

бартараф намуда, ҳамин тариқ рӯи кор овардани рақобати солим, мувозинати бозори хизматрасониҳои суғурта ва паст намудани сатҳи хароҷоти трансаксионии агентҳои бозорро мусоида менамояд, ба миён меояд.

**Асосҳои назариявию методологии диссертатсия**ро методологияи таҳқиқоти институтсионалии равандҳои иқтисодӣ, назарияҳои илмии асарҳои муҳими олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи суғуртаи иқтисодиёт ва танзими бозори суғурта, инчунин санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасониҳои суғуртавӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди муносибати диалектикӣ-материалистӣ, абстраксия, равишҳои системавӣ, эволютсионӣ, байнифаннӣ, сохторӣ-функсионалӣ, ҳамчунин усулҳои муқаррароти муқоиса, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, экспертӣ ва ғайра истифода шуданд.

**Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштаршуда ва иҷрои вазифаҳои он бевоситаи аз ҷониби муаллиф анҷом ёфтааст. Муаллиф доир ба такмили механизмҳои танзими бозори суғурта ва таъмини институтсионалии танзими давлатӣ дар бахши суғуртаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои ташкилию иқтисодии танзими фаъолияти ташкилотҳои суғурта мустақилона тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсияро** маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва нашрияҳои Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил додаанд. Ба сифати манбаъҳои иттилоотӣ, инчунин маводҳои ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ, маводҳои назариявӣ ва воқеӣ, ки дар асарҳои олимон – иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ, адабиёти даврии иқтисодӣ, натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва корҳои сершумори экспертии бештар аз ҷониби муаллиф гузаронидашуда, ақидаҳои посухдиҳандагон дар бораи вазъи рушди соҳибкории суғуртавӣ, ҳисоботи ташкилотҳои асосии суғуртавии кишвар инъикос ёфтаанд, мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** ба коркарди асосҳои назариявию метологӣ ва амалии танзими давлативу бозорӣ, комбинатсияи институтҳои танзими давлативу бозории фаъолияти суғурта ва ташаккули консепсияи навсозии танзими молиявӣ дар асоси татбиқи муносибатҳои институционалӣ мебошад.

**Натиҷаҳои асосие, ки ба ҳайси навгонӣ пешниҳод мешаванд;**

- муаяйн намудани моҳияти институти суғурта ва ҷойгоҳи он дар сохтори институсионалии иқтисодиёт, инчунин ворид намудани муқаррарот ба мафҳуми «таъмини институтсионалӣ»-и бахши суғуртаи иқтисодиёт ва танзими давлатии он;

- тасдиқ карда шудааст, ки танзими давлати фаъолияти суғурта ба системаи институтсионалӣ (маҷмуи меёру қоидаҳо ва механизмҳои амалигардонии ҳадафҳову вазифаҳои дахолатпазирии давлатро дар соҳа таъмин мекунанд) такия мекунад;

- исбот шудааст, ки соҳаи суғурта дар муқоиса бо дигар бахшҳои иқтисодиёт дорои низоми институтсионалии пешрафта ва сохторбандишуда мебошад, ки қонунҳо, қоидаҳо, принсипҳои идоракунӣ ва танзимро дар бар мегирад. Аммо барои таъмини самаранокии он зарур аст, ки усулҳои танзими давлатии он пайваста такмил дода шаванд, то ба талабот ва тағйироти муосири иқтисодӣ мутобиқ гарданд;

- асоснок карда шудааст, ки дар шароити гузариш ба бозори рушдёбанда, ки рушди бозорҳои молиявӣ, бахусус бозори суғурта, аз нишондиҳандаҳои асосии он ба ҳисоб меравад, масъалаи беҳтар кардани механизмҳои танзими давлатӣ ва бозорӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Ин такмил бояд бо ҳамоҳангсозии институтҳои танзимкунанда ва институтҳои худтанзимкунии бозорӣ, инчунин беҳтарсозии низоми иттилоотии танзим ва идоракунӣ сурат гирад;

- ба мафҳуми устувории молиявии ташкилотҳои суғурта ( ки объекти муҳими танзим мебошад) муқаррарот ворид карда шуда, усулҳои асосии танзими давлатии устувории молиявӣ дар асоси гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои асосии арзёбии устувории молиявии ташкилоти суғурта, муаяйн карда шудааст; исбот карда шудааст, ки яке аз меёрҳои арзёбии рушди устувори тащкилоти суғуртаро фаъолияти сармоягузорӣ, ҷойгирнамоии захираҳои суғуртавиро ба ин мақсадҳо, мебошад;

- тамоюли рушди фаъолияти суғурта ва хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар муайян ва таъйин шудааст. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки муносибатҳои суғуртавӣ ҳанӯз ба сатҳи кофии рушд нарасидаанд. Ҳамзамон, талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ё ба таври иқтидорӣ ё воқеӣ пайдо шуда истодааст, ки ин зарурати рушди минбаъдаи ин соҳаро таъкид менамояд;

Маълум шудааст, ки якчанд сабабҳо барои сатҳи пасти талабот ба хизматрасониҳои суғурта вуҷуд доранд:

- суғурта барои қонеъ кардани ниёзҳои асосӣ ночиз аст, ва бисёре аз одамон эҳтиёҷоти худро ба суғурта намебинанд, зеро онҳоро барои зиндагии ҳаррӯза лозим намешуморанд, масалан, барои эҳтиёҷоти асосӣ.

- сатҳи пасти эътимод ба ташкилотҳои суғурта: шумораи зиёде аз одамон ба покизагӣ ва эътимоднокии ташкилотҳои суғурта боварӣ кам доранд, ки ин хоҳиш барои гирифтани хизматрасониҳои суғуртаро коҳиш медиҳад.

- набудани кормандони соҳибихтисоси баланд: камбуди кадрҳои баландихтисос дар ширкатҳои суғурта қобилияти онҳо барои расонидани хизматрасониҳои босифат ба мизоҷонро маҳдуд мекунад.

– қаллобӣ дар соҳаи суғурта: мавҷудияти ҳолатҳои қаллобӣ дар соҳаи суғурта, ки эътимоди мардумро ба ин бахш зери шубҳа мегузорад.

- бовари паст ба арзишмандии маҳсулоти суғурта. Ҳамаи ин омилҳо ба паст рафтани талабот ба хизматрасониҳои суғурта таъсир мерасонанд ва монеаҳоеро барои рушд ва афзоиши бозор эҷод мекунанд.

- дар асоси таснифи се намуди асосии танзими давлатии фаъолияти суғурта (либералӣ, механизмҳои бозорро маҳдудкунанд, давлати-мутамарказ) модели миллӣ, ки дар асоси ҳамоҳангсозии институтҳои танзими давлативу бозории фаъолияти суғурта пешниҳод карда шудааст;

- тасдиқ карда шудааст, ки рақобат ҳамчун шакли махсуси танзими муносибатҳои байни иштирокчиёни бозори суғурта амал мекунад ва вазифаҳои муҳимеро, монанди "танзим, тақсимот, навоварӣ, мутобиқшавӣ ва назорат" ба иҷро мерасонад. Аз ин рӯ, он бояд ҳамчун яке аз объектҳои асосии танзими давлатӣ баррасӣ шавад. Ҳамзамон, пешниҳод шудааст алгоритми таҳлили институтсионалии фаъолияти суғурта, ки пайдарпаии мантиқии «субъектҳо – фаъолият – қоидаҳо – арзёбӣ – оптимизатсия»-ро дар бар мегирад;

- пешниҳод шудааст, ки барои мувофиқ кардани вазифаҳои навсозии инноватсионӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, шаклҳои нави институтсионалӣ ташаккул ёбанд, ки дар он тамсила-Млгоритми сохторӣ ва мантиқии танзими фаъолияти суғурта таҳия карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва аҳамияти амалии диссертация.** Аҳамияти назариявии тадқиқот дар таҳияи консепсияи куллан нави дастгирии институтсионалии рушди системаи танзими фаъолияти суғурта дар асоси методологияи иқтисоди институтсионалӣ мебошад. Муқаррароти асосии ин консепсия аз инҳо иборатанд: муносибати танзими давлатӣ ва бозорӣ ва шаклҳои ҳосилшудаи онҳо: худтанзимкунӣ ва ҳамтанзимкунӣ; татбиқи унсурҳои танзими зиддибӯҳронӣ дар низоми суғурта; ташаккули воситаҳои

танзими пруденсиалӣ дар бозори сугурта, ки дар инкишофи назарияи сугурта сахми муайяне мебошад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои** кор дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия ба истифодаи васеъи онҳо дар танзими давлатии фаъолияти суғурта дар сатҳи миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф самтҳо ва имкониятҳои нави такмили низоми танзими давлатии фаъолияти суғуртаро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он ва таъмини рушди устувори бозори суғуртаи миллӣ ошкор месозад.

Натиҷахои зерини кор ахамияти махсусан амалӣ доранд:

- ҷанбаҳои методологиву методии арзёбии самаранокии танзими давлатӣ, ки дар асоси низомсозии хавфҳои танзим ва татбиқи маҷмуи нишондиҳандаҳое, ки дар раванди мониторинг ва арзёбии самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта истифода мешаванд;
- маҷмуи нишондиҳандаҳо барои муайян кардани ташкилотҳои аз ҷиҳати системавӣ муҳими суғурта, ки дар асоси ҷамъбаст ва ба низом даровардани таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили вазъи кунунии соҳаи суғуртаи ватанӣ таҳия шудаанд;
- меъёрҳои пруденсиалӣ барои ширкатҳои суғуртае, ки дар бозори молиявии мамлакат фаъолият мекунанд, ки метавонанд воситаи назорати микропруденсиалӣ дар соҳаи суғурта гарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми таҳияи пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ба қонунгузории амалкунанда дар соҳаи танзими фаъолияти суғурта дар сатҳи миллӣ истифода шуданд; ҳангоми ҷорӣ намудани танзими пруденсиалӣ дар бозори суғурта ва ҳалли вазифаҳои мураккаби такмили низоми танзим; дар раванди таълим дар доираи фанҳои таълимӣ «Суғурта», «Танзими бозори суғурта » ва ғайра.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии “ Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)” Муминзода Абдукарим 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 17- тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, инчунин 2 монографияи муаллифӣ аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Натиҷаи таҳқиқ ва тавсияҳои илмӣ** – методиро оид ба такмили механизмҳои институтсионалии танзими фаъолияти ташкилоти суғурта ва

рушди низоми хизматрасониҳои суғуртавӣ дар кишвар дар фаъолияти минбаъдаи Бонки миллии Тоҷикистон, доираи васеи ширкатҳои мавҷудаи суғуртавӣ, инчунин дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Алоқамандии таҳқиқот бо истеҳсолот.** Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар бисёр конфронсҳои илмӣ ва амалии соҳавии ватанӣ ва байналмилалӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ карда шудаанд. Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми хондани фанҳои «Таърих ва назарияи суғурта», «Фаъолияти суғурта», «Бозори суғурта», «Суғурта», «Идоракунии хавфҳо дар суғурта», «Асосҳои суғуртаи соҳибкорӣ» истифода шудааст. (Санадҳо: аз ДДМИТ №521\04 аз 5.06.2024_ва ДДТТ №734 аз 30.01.2024.)

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии корхонаву ташкилотҳо суғуртавӣ барои татбиқ қабул шуда, аз ҷумла дар КВД «Тоҷиксуғурта» (Санади №1-02 аз 20.06.2024с.) ва ҶСП «ТС Суғуртаи аввалини миллӣ» (Санади №33/101 аз 26.06.2024с.) истифода мешаванд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ МУМИНЗОДА АБДУКАРИМ

**А) Монография ва китобҳо:**

[1-М] Муминов А.Б. Особенности ценооброзования на рынке страховых услуг. [Текст] / А. Б. Мирсаидов, А. Б. Муминов // Монография. г.Душанбе-2011г, Ирфон 175с.

[2-М] Муминов А.Б. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар Тҷикистон. / [Матн] А. Б. Муминов, // Монография. Душанбе: “ДДМИТ”. – 2023. – 213с. ISBN: 978-99985-803-0-5

**Б) Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсия шудааст:**

[3-М] Муминов А.Б. Особенности формирования рыночных отношений в страховой деятельности Республики Таджикистан. [Текст] / А. Б. Муминов // Вестник ТНУ (Научный журнал). Душанбе, 2011. - №9 (73). – С. 102-107. ISSN 2074 - 1847

[4-М] Муминов А.Б. Особенности ценообразования на страховые услуги. [Текст] / А.Б. Муминов // Вестник педагогических университета: серия общественных наук. - Душанбе, 2011.- №6 (42). –С 18-25.

[5-М] Муминов А.Б. Теоретико-практические вопросы страхования. [Текст] / А. Б. Муминов, Н. А. Мамадбекова // Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 206-210. ISSN 2413-5151

[6-М] Муминов А.Б. Баъзе масъалаҳои таъмини институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар Тоҷикистон. [Матн] / А. Б. Муминов // Пайеми Донишгоҳи давлатии ба номи Носир Хусрав. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ. – 2022. – № 1-4-2(104). – С. 187-193. ISSN 2663-5534

[7-М] Муминов А.Б. Асосҳои назариявии таҳкими механизми институтсионалии рушди бахши суғуртаи иқтисодиёти Тоҷикистон. [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 4-1(33). – С. 158-165. ISSN 2663-0389.

[8-М] Муминов А.Б. Ҷабҳаҳои назариявии арзёбии рейтинги ташкилоти суғурта. [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 4-1(38). – С. 146-154. ISSN 2663-0389.

[9-М] Муминов А. Б. Технологияи ниҳодии танзими фаъолияти суғуртавӣ. [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 4-2(39). – С. 142-150. ISSN 2663-0389.

[10-М] Муминов А.Б. Ҷойгоҳи институти суғурта дар сохтори институтсионалии иқтисодиёт . [Матн] / А.Б. Мирсаидов, А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 1. – С. 27-34. ISSN 2413-5151

[11-М] Муминов А.Б. Мирсаидов С.А. Баҳодиҳии вазъи муосири фаъолияти сармоягузории ширкатҳои суғурта. [Матн] / С. А. Мирсаидов, А.Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - №4/2 (50). - С.14-20. ISSN 2308-054X

[12-М] Муминов А.Б. Тамоюли рушди бозори хизматрасониҳои суғурта ва арзёбии самаранокии танзими давлатии он. [Матн] / А.Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - №4/2 (50). - С.265-273. ISSN 2308-054X

[13-М] Муминов А.Б. Таъмини ниҳодии инструментҳои иқтисодии танзим дар фаъолияти суғурт. [Матн] / А.Б. Мирсаидов, А.Б. Муминов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – № 1. – С. 31-41. ISSN 2310-3957

[14-М] Муминов А.Б. Баъзе муаммоҳои танзими давлатии фаъолияти суғурта ва муносибати институтсионалии ҳалли он . [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 3. – С. 198-205. ISSN 2413-5151

[15-М] Муминов А.Б. Муаммоҳои таъминоти институтсионаливу методии танзими давлатии суғурта ва роҳҳои ҳалли онҳо. [Матн] / А.Б. Муминов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати

Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – №1.(98) – С. 74-83. ISSN 3005-8023

[16-М] Муминов А.Б. Бозори хизматрасониҳои суғурта ва омилҳои таъсиррасони он. [Матн] / А.Б. Муминов // Тоҷикистон ва ҷаҳон. – 2024. – №2 (88). – С. 177-185. ISSN 2075-9584

[17-М] Муминов А.Б. Ҳолати муосири рушди механизмҳои асосии бозори суғурта дар Тоҷикистон. [Матн] / А.Б. Муминов, А. Б. Мирсаидов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - №2 (52). - С.250-258. ISSN 2308-054X

[18-М] Муминов А.Б. Баъзе тамсилаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти суғурта. [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - №2 (52). - С.266-273. ISSN 2308-054X

[19-М] Муминов А. Б. Баъзе масъалахои арзёбии самаранокии танзими давлатии бозори хизматрасонихои сугурта. [Матн] / А. Б. Муминов // Паёми ДДХ ба номи М. Назаршоев, ш. Хоруғ, 2024., №2.(30) - С.60-67.ISSN 2664-5696

**В) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[20-М] Муминов А.Б. Рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ ва бӯҳрони иқтисодиёти ҷаҳонӣ [Матн] / А. Б. Муминов // Маводи конференсияи илмӣ-Ммалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои таъмини рақобатпазирии институтҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавии иқтисодиёт», (7.12.2018) ДДМИТ Душанбе-2018, -С.27-33

[21-М] Муминов А.Б. Рушди устувори бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Б. Муминов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-Ммалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ», (26.11.2021) ДДМИТ Душенбе-2021, -С.500-507

[22-М] Муминов А.Б. Идоракунии хизматрасонии суғуртавӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / А. Б. Муминов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-Ммалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ», (26.11.2021) ДДМИТ Душенбе-2021, -С.207-212

[23-М] Муминов А.Б Хусусиятҳои хафвҳои молиявӣ дар иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / А. Б. Муминов // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-Ммалӣ дар мавзӯи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷкистон: (2022) ДДМИТ Душанбе, С.137-142

[24-М] Муминов А.Б. Нақши суғурта дар рушди ниҳодии иқтисодиёти муосир [Матн] / А. Б. Муминов // Маводи конференсияи илмӣ-Ммалии байналмилалӣ дар мавзуи "Афзалиятҳои саноати инноватсионӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиети индустриалию инноватсионӣ" бахшида ба "Солҳои рушди саноат"(2022-2026) (шаҳри Душанбе 01.04.2024) ДДМИТ-2024. С-202-206 ДДМИТ, -С.96-100

[25-М] Муминов А.Б. Самаранокии фаъолияти бозори хизматрасонихои сугурта дар мамлакат [Матн] / А.Б. Муминов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ», ДДМИТ, Душанбе -2024, С.317-321

[26-М] Мавқеи суғурта дар сохтори институтсионалии иқтисодиёт [Матн] / А. Муминзода,Ҷ.Б. Халифазода // Маводи конференсияи илмӣ-Ммалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ», (30.11.2024) ДДМИТ Душанбе-2024,-С.143-147.

Баъд аз таҳлил ва муҳокимарониҳо дар ҷаласаи васеи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чунин

**қарор қабул карда шуд:**

1.Диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он) , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Дараҷаи инъикоси муҳтавои таҳқиқот дар интишороти довталаб қобили қабул буда, муқаррароти асосии диссертатсия дар 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 17-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия эътироф гардидаанд, инчунин 2 монографияи муаллиф дарҷ гардидаанд.

3. Диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори илмии анҷомдодашуда ба

ҳисоб рафта, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 30 нафар, аз онҳо докторони илм – 10 нафар, аз шумораи умумӣ аз ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 19 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 4 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

- “тарафдор” – 19 нафар
- “зид” – нест
- “бетараф” - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 17-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси №5, қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
д.и.и., дотсент, профессори
кафедраи молияи ДДМИТ Нурализода Э.Н.

**Котиб:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
молияи ДДМИТ Убайдуллозода Ф.У.

Имзоҳои Нурализода Э.Н. ва Убайдуллозода Ф.У.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.